## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҷеъ ба диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой ба яке аз мавзуъҳои нисбатан тоза, яъне таҳлилу баррасии орояҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил, ки дар системаи поэтикаи ин шоир ҷойгоҳи хос дораду то ба имрӯз, махсусан, дар Тоҷикистон ба он таваҷҷуҳ камтар мебошад, бахшида шудааст. **Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ**, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки масъалаи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ чи аз ҷиҳати назарӣ ва чи аз ҷиҳати корбурдӣ дар ғазалиёти Мирзо Бедил дар қолаби диссертатсияи номзадӣ ба таври яклухт бори аввал таҳқиқ шудааст. Диссертант дар мавриди ҷанбаҳои назарии орояҳои зикршуда бар мабнои адабиёти илмии мавҷуд дар соҳаи васеи ҷуғрофӣ мутолиаи васеъ анҷом дода, ба таври қонеъкунанда онҳоро ба гунаи санъатҳои алоҳидаи бадеӣ мушаххас кардааст. Азбаски таҳқиқи орояҳои ҳунарии ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ аз суханшиносии Ғарб ба Шарқ омадааст, муаллифи диссертатсия раванди шаклгирии ақидаҳо ва таҳаввули онҳоро дар корҳои адабпажуҳони аврупоӣ ва баъдтар эронӣ нишон додааст. Аммо назари мудаллали ӯ дар мавриди дар ашъори адибони форсу тоҷик аз қадим ҷой доштан ва инкишоф ёфтани ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ комилан дуруст аст, зеро амалияи эҷодӣ нисбат ба назарияи он ҳамеша тақаддум дорад. Албатта, падидаи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро, ки диссертант бо таълимоти ҷамолшиносонаи суратгароёни русу кишварҳои дигар пайванди назарӣ дода, асоси санъатҳои мазкурро дар партави назарияи ошноизудоӣ дар сатҳи лозими илмӣ исбот ва ҳаллу фасл намудааст, амри қобили пазириш аст. Муҳимтар аз ҳама, Эҳсон Хуршед Рӯзибой донишҳои назарии ҳосилнамудаи худро дар ғазалиёти Бедил амалан татбиқ намуда, ҳамаи зовияҳои ороҳои зикршударо чи аз ҷиҳати сохтор ва чи аз лиҳози маънӣ дар эҷодиёти ғиноии ин шоир ошкор ва таҳлил намудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ғазалиёти Бедил аз дидгоҳи шинохти ин ороҳо дар фаҳму дарки манзараи умумии сабки ҳиндӣ ва махсусан, сабки бедилӣ арзишнок ва судманд дониста мешавад.

**Навгониҳои илмии диссертатсия**, пеш аз ҳама аз интихоби мавзуъ ва гузориши масъала бармеояд. Дар диссертатсия мавзуи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар қолаби таҳқиқи диссертатсионӣ омӯхта шуда, аз ҳамин нигоҳ арзишҳои ҳунарии ғазалҳои Бедил муайян мегардад. Ин кори таҳқиқӣ барои мукаммалтар омӯхтани сабки инфиродии шоир мусоидат мекунад.

Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки ҳавзаи таҳқиқаш муаллифро водор кардааст, ки масъалаҳои мавриди таҳқиқро фақат дар алоқамандӣ бо ғазалиёти шоир баррасӣ карда, ҷанбаҳои ҳунарии онро муайян кунад. Ин ҳолат барои таҳқиқи мавзуи мазкур дар осори дигари шоир низ мусоидат хоҳад кард.

Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ, ки ҷанбаҳои назарӣ ва амалии адабпажуҳии муосири тоҷикро пурбортар менамоянд, дар баррасии масъалаҳои шеъри намояндагони сабки ҳиндӣ аз назари ҷусторҳои ҳунарӣ, ки марбут ба паҳлуҳои поэтика ва хосса, таҳаввули забону баёни он аст, дар адабиётшиносии ҳозира метавонад мавриди истифода қарор бигирад. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохти беҳтари ашъори ғиноии Бедил, махсусан, дар корбурди ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ дар маърифати беҳтари ҳам назариёти адабӣ ва ҳам ашъори шоирони мо метавонад роҳ бикушояд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, **мутобиқат мекунад**. Диссертатсияи анҷомёфта дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмӣ барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқ **ба банди 7-уми** бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15 Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, ки таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI–XIX, хусусиятҳои бадеии осори намояндагони он ва масоили марбутро фаро мегирад, **комилан мувофиқат менамояд.**

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 10 мақола, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Дар диссертатсияи Эҳсон Х. Р. истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё манбаъ ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия аз консепсияҳои илмию назарии донишмандони ватанию хориҷӣ дар ҳадди зарурӣ истифода шуда, дақиқии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, коркарди натиҷаҳо, миқдори интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ далели **эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** мебошад.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ барои дифоъ пешниход кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси муқаррароти банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-122-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Нурзод Нуралӣ Нор – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

– Аминӣ Алишер Файзулло – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мақсудзода Б. М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Маҳмадаминов А.С.

«17» сентябри соли 2026.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ